**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**


Бо ҳуқуқи дастнавис


**ВБД:** 343.98:629.2(575.3)
**ТКБ:** 67.99(2)94:39.808(2тоҷик)
**С**–20



**САИДЗОДА РАҶАБАЛИ ҲОКИМҶОН**


# ТАҲҚИҚОТИ КРИМИНАЛИСТИИ УСУЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ МАРБУТ БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТИ РОҲ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**Душанбе – 2026**

**Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст**

**Роҳбари илмӣ:** **Қодирзода Далер Сайфулло –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар ш. Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:** **Астанов Истам Рустамович –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судӣ»-и Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Узбекистон;

**Салимов Баҳромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон».

Ҳимояи диссертатсия 11 июни соли 2026, соати 14.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3, толори Шурои диссертатсионии Академияи ВКД ҶТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия тавассути сомонаи https://avkd.tj/ru/ ва дар китобхонаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш.Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Сафарзода Ҳ.С.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳкикот**. Яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) то ҳол таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ боқӣ мемонад. Афзоиши устувори шумораи воситаҳои нақлиёт дар солҳои охир боиси зиёд гардидани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ҳам дар шоҳроҳҳо ва ҳам дар кӯчаҳои маҳалҳои аҳолинишин гардида, дар натиҷа ба расонидани зарари ҷиддии ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дар баъзе ҳолатҳо ба оқибатҳои вазнин ва бебозгашт барои ҳаёт ва саломатии инсон оварда мерасонад

Ҳамзамон, соҳаи нақлиёт дар низоми иқтисоди миллии кишвар ҷойгоҳи муҳимро ишғол намуда, ба рушди соҳаҳои вобаста ва сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар ин замина, нақлиёти мусофиркаш аҳаммияти махсус дорад, зеро дар маҷмуъ он 66,8 % - и ҳаҷми умумии ҳамлу нақлро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад, ки аз ин ҳиссаи асосӣ 54,4 % ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд.

Дар ҷараёни баргузории Конфронси якуми умумиҷаҳонии вазирони корҳои дохилӣ, ки ба масъалаҳои бехатарӣ дар роҳ бахшида шуда буд, ба вазъи садаманокӣ дар кишвар баҳои танқидӣ дода шуда, он ҳамчун ҳолати ниҳоят номусоид ва таҳдидкунанда ба амнияти ҷамъиятӣ эътироф гардид. Тибқи маълумоти оморӣ, ҳар сол дар ҷаҳон шумораи зиёди одамон бар асари ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ба ҳалокат мерасанд. Ҳамчунин зикр гардид, ки ҳар сол садҳо кӯдак қурбонии чунин ҳодисаҳо мегарданд. Сарфи назар аз корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати коҳиш додани сатҳи садаманокӣ, мушкилоти ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёти баландсуръат вазъи роҳро ба таври ҷиддӣ мураккаб мегардонад. Илова ба ин, ба омилҳое, ки ба зиёд шудани шумораи садамаҳои роҳу нақлиётӣ ва ҷароҳатҳои вазнин ба саломатии одамон мусоидат мекунанд, метавон афзоиши нақлиёти боркаш ва мусофиркаш, сатҳи пасти касбият ва малакаи ронандагон ва як қатор омилҳои дигарро нисбат дод.

Таҳлили омори расмӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир сатҳи ҷароҳатбардорӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар кишвар ба

сатҳи баланд расидааст: аз соли 2018 то моҳи июли соли 2024 дар садамаҳои роҳу нақлиётӣ зиёда аз 6000 нафар ба ҳалокат расидаанд, ки аз ин шумора беш аз 800 нафарро кӯдакон ташкил медиҳанд. Ба ҳисоби миёна, дар як шабонарӯз дар роҳҳо зиёда аз нӯҳ ҳодиса ба қайд гирифта мешавад, ки боиси ҳалокати чанд нафар ва расонидани осеби ҷисмонӣ ба якчанд иштирокчии дигари ҳаракат мегардад.

Тибқи маълумоти омории Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «дар соли 2018 – 2365 ҷиноят, дар соли 2019 – 2721, дар соли 2020 – 2613, дар соли 2021 – 2991, дар соли 2022 – 3021, дар соли 2023 – 3312 ва дар шаш моҳи соли 2024 – 1863 ҷиноят вобаста ба вайрон намудани бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба қайд гирифта шудааст» [21].

Дар айни замон, мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракати роҳ содда ва якхела боқӣ мемонад, ки ин ҳолат ба бандубасти дурусти ҷиноятҳо таъсири манфӣ расонида, эҳтимоли ба миён омадани хатогиҳои тафтишӣ ва судиро зиёд менамояд.

Ҷанбаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мавриди баррасӣ таҳлили амиқи назариявиро талаб менамоянд. Амалия нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ ҳамоно мушкилоти зиёд ба миён меоянд, ки ба сифати паст ва вокуниши саривақтии мурофиавӣ нисбат ба иттилооти воридшуда дар бораи ҷиноят вобаста мебошанд.

Ҳамзамон, механизми ягона ва дақиқи ҳамкории байни хадамоту сохторҳои гуногун ҳангоми анҷом додани амалҳои аввалини тафтишӣ дар ҷойи ҳодиса, инчунин дар раванди ташкил ва таъйини экспертизаҳои судӣ то ҳол таҳия нагардидааст. Масъалаҳои марбут ба марҳилаи ташкилию санҷишӣ ва зинаҳои минбаъдаи тафтиши ҷиноятҳои зикршуда, аз ҷумла таҳияи нақшаи тафтишӣ, ки ба ҳолатҳои воқеии парванда мутобиқат дошта бошад, дар муҳити илмӣ ва амалӣ ҳамоно баҳснок боқӣ мемонанд.

Таҳлили амалияи тафтиш нишон медиҳад, ки гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо асосноккунии дурусти тактикӣ ва бо истифодаи донишҳои махсус аҳаммияти муҳим дорад.

Мавҷуд будани чунин мушкилоти ҳуқуқтатбинамоӣ зарурати дарки назариявӣ ва такмили танзими ҳуқуқии раванди тафтиши

ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифода воситаҳои нақлиётро ба миён меорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва криминалистии давраи шӯравӣ ва давраи истиқлолият ба таҳлили масъалаҳои тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ диққати кам дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт мавзуи таҳқиқоти илмии баъзе олимони ватанӣ (Д.Д. Давлатов), Д.Д. Давлатзода [14], Ҷ.М. Зоир [2], З.Х. Искандаров [3], Д.С. Қодирзода [5], А.К. Назаров [9], Р.Х. Раҳимзода [7], Х.С. Салимов [8]) ва муҳаққиқони хориҷӣ (Р.Ю. Ачмиз [12], Ю.Н. Багдасарян [13], В.Н. Герасимов [1], Е.В. Зубенко [15], А.Г. Колчурин [16], Ю.Г. Корухов [4], А.А. Косович [17], И.С. Лаврентева [18], Т.А. Моховая [19], Д.А. Никитас [10], Е.А. Попов [20], Е.П. Ишенко [6], Н.П. Яблоков [11] ва дигарон қарор гирифтааст.

Олимони зикршуда дар омӯзиши масъалаҳои тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд, саҳми назаррас гузоштаанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд намуд, ки дар адабиёти соҳавӣ ин мавзуъро наметавон ба таври кофӣ таҳлилшуда ҳисобид. Дар ин самт як қатор масъалаҳо мавҷуданд, ки ба омӯзиши мустақили илмӣ ниёз доранд. Ҳамаи ҷанбаҳои тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, то имрӯз хусусияти баҳснок дошта, таҳлили минбаъдаи илмиро талаб менамоянд.

Бояд таъкид кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз таҳқиқоти бунёдии илмие, ки ба масъалаҳои тафтиши ин гуна ҷиноятҳо, бандубасти онҳо ва роҳҳои такмили қонунгузории миллии ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шуда бошанд, вуҷуд надоранд.

Ҳамин тариқ, тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, дар шароити муосир яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, анҷом додани таҳқиқоти диссертатсиониро талаб менамояд.

**Робитаи тахқиқот бо барномахо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи

мавзуи «Мушкилоти назария ва амалияи усули тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт барои солҳои 2020-2025» омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот дар асосноккунии илмии заминаҳои методикӣ ва тактикии тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наклиёт алоқаманд мебошанд, бо назардошти хусусиятҳои криминалистии онҳо ва ниёзҳои амалияи ҳуқуқтатбиққунанда ифода меёбад.

Бо дарназардошти мақсади баланди таҳқиқот, доираи васеи вазифаҳо муайян карда шудааст, ки ҳаллу фасли назариявӣ ва амалии онҳо мухтавои асосии ин диссертатсияро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти мақсадҳои зикршуда, дар доираи диссертатсия вазифаҳои зерин баррасӣ мегарданд:

– таҳқиқоти умуминазариявӣ ва криминалистии вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– таҳияи аз назари илмӣ асосноки тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки ба бехатарии ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт таҷовуз мекунанд;

– асосноккунии низоми ҳолатҳое, ки дорои аҳаммияти исботкунӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ мебошанд;

– муайян намудани хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд;

– муайян ва низомноксозии ҳолатҳои намунавии тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба банақшагирии тафтиш;

– таҳияи маҷмуи қарорҳои тактикӣ, ки ҳангоми анҷом додани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт татбиқ мегарданд;

– ошкор ва асоснок намудани хусусиятҳои таъйини экспертизаҳои судӣ бо назардошти хусусиятҳои криминалистии тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозии самаранок ва ҳамаҷониба ва тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, ба ҳисоб меравад. Ин фаъолият дар доираи тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мегардад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклҳои объективии содир намудани ҷиноятҳое мебошанд, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқамандданд, инчунин механизми содир намудани ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани ҳаракати роҳ аз ҷониби ронандагон, манбаъҳои иттилоот дар бораи ҷиноятҳо ва иштирокчиёни онҳо, ҳамчунин шаклҳои ҷамъоварӣ, таҳқиқ, баҳогузорӣ ва истифодаи далелҳо дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо мебошанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи криминалистика ва экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Кор бар рӯйи диссертатсия аз соли 2019 оғоз ёфта, ин ҳолатро нашрияҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқот тасдиқ менамоянд. Таҳқиқот давраи рушди тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, аз замони ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯзро дар бар мегирад. Ҳамчунин марҳилаи шуравии танзими муносибатҳо дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо, вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро андешаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи криминалистика, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин маводи конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Ҳамзамон, ҳамчун асоси назариявӣ корҳои чунин олимон истифода шудаанд: Р.Ю. Ачмиз, Ю.Н. Багдасарян, В.Н. Герасимов, Е.В. Зубенко, А.Г. Колчурин, Ю.Г. Корухов, А.А. Косович, И.С. Лаврентева, Т.А. Моховая, Д.А. Никитас, А.П. Онучин, Е.А. Попов, Е.П. Ишенко, Н.П. Яблоков.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи усулҳои умумӣ ва махсуси шинохти илмии воқеияти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар кор усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

Дар таҳқиқот, инчунин усулҳои умумиилмӣ, аз қабили мушоҳида, муқоиса, таҷриба, усулҳои мантиқӣ, вазъиятӣ, низомӣ ва таърихӣ татбиқ гардидаанд. Ба сифати усулҳои махсуси илмӣ усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Ба усулҳои махсуси омӯзиши предмети таҳқиқот усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-меъёрӣ мансубанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳлили амалияи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи 150 парвандаи ҷиноятӣ дар солҳои 2018–2025 дар бар мегирад. Дар ҷараёни таҳқиқот маводҳои Маркази иттилоотию таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Оид ба омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ аз рӯйи парвандаҳое, ки бо тафтиши ҷиноятҳо, вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд», ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2018–2025 баррасӣ шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Ҳамчунин, парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби судҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, омӯзиш ва таҳлил карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аввалин диссертатсияи ватанӣ мебошад, ки ба омӯзиши ҷиноятҳои вобаста ба нақлиёт бахшида шудааст. То имрӯз чунин масъалаҳо, аз қабили ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои нақлиётӣ, инчунин тарзи ташкил ва анҷом додани тафтиши ҷиноятҳои мазкур, дар сатҳи

монографияҳо ё диссертатсияҳои илмӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил нагардида буданд. Дар ин кори диссертатсионӣ мафҳуми тафтиши ҷиноятҳои нақлиётӣ, унсурҳои асосии он, ҳамчунин заминаҳо, тартиби ташкил ва идоракунии чунин тафтиш ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Илова бар ин, роҳҳои муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии танзими қоидаҳои ҳаракат низ таҳлил шудаанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи таҳқиқоти монографикии диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқи ватанӣ кӯшиши омӯзиши ҳамаҷонибаи тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд, анҷом дода шудааст.

Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд. Дар асоси натиҷаҳои зикршуда, дар диссертатсия барои баррасӣ ва ҳимоя навгониҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:

1. Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, номгӯйи ҳолатҳое таҳия гардидааст, ки бояд ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат муқаррар карда шаванд. Ин ҳолатҳо намудҳои гуногуни рафторҳои зиддиҳуқуқиро дар бар мегиранд, аз ҷумла: баланд намудани суръат, риоя накардани нақшаи ҳаракат, ба вуҷуд овардани вазъиятҳои хатарнок, ки боиси ҳодисаи роҳу нақлиётӣ ё расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон мегарданд. Аз ҷумла: 1) воқеаи ҷиноят дар заминаи муқаррар намудани тартиби ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва фаъолияти марбут ба ҳамлу нақли мусофирон; 2) таҳлили муносибати руҳии гунаҳгор нисбат ба вайронкуниҳои содиршуда, аз ҷумла бо назардошти иштироки эҳтимолии шахсоне, ки барои ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт ва бехатарии ҳаракат масъул мебошанд; 3) таҳлили оқибатҳои зарароваре, ки дар натиҷаи ҷиноят ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла расонидани зарари молумулкӣ ва осеб ба саломатии ҷабрдидагон, бо баҳогузории миқдорӣ ва сифатии онҳо.

2. Таҳлили анҷомдодашудаи назарҳои илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт

вобастаанд, имкон медиҳад тасаввурот дар бораи сохтори тавсифи криминалистии онҳо ташаккул ёбад. Унсурҳои ҷудошуда имконият медиҳанд, ки механизми ҳодиса барқарор карда шавад, субъектҳои воқеаро тавсиф намоянд, қонуниятҳои ба вуҷуд омадани изҳоро муайян созанд, шароити физикӣ ва ҳуқуқии муҳити ҷойи ҳодисаро арзёбӣ кунанд, ҳамчунин воситаҳои ҳангоми содир намудани ҷиноят истифодашударо муайян намоянд.

Тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, низоми мураккаб, махсус ва байнисоҳавиро ифода месозанд. Ин низом маҷмуи маълумотро дар бораи механизми ташаккули ҷиноят, амалҳои иштирокчиён дар лаҳзаи содиршавӣ ва пас аз он, динамикаи рушди ҳодиса ва ташаккули аломатҳои ҷиноят вобаста ба вазъият дар бар мегирад. Ба сохтори тавсифи криминалистии ин гурӯҳи ҷиноятҳо маълумот дар бораи субъектҳои ҳодиса: ҳам шахсе, ки вайронкунӣ содир намудааст ва ҳам ҷабрдида, инчунин маълумот оид ба воситаҳои истифодашуда ҳангоми содир намудани кирдор ва усулҳои татбиқи онҳо дохил мешаванд.

Таҳлили ин гурӯҳи ҷиноятҳо имкон медиҳад, хулоса баровара шавад, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ва тарзи амалӣ гардиданашон аз дигар кирдорҳои ҷиноятии ҷазододашаванда ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд. Содир гардидани онҳо бо механизми функсионалии махсус алоқаманд аст, ки дар шароити муҳити динамикии роҳу нақлиётӣ ташаккул ёфта, бевосита аз таъсири мутақобилаи инсон, воситаи нақлиёт ва инфрасохтори роҳ вобаста мебошад. Хусусияти хоси ин ҷиноятҳо беқасд будани расонидани зарар аст, ки он махсусияти баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва интихоби чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро пешакӣ муайян мекунад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ошкор ва тавзеҳ додани сабабҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муносибати байнисоҳавиро талаб менамояд. Дар баробари таҳлили андозаҳои техникӣ ва ҳолатҳои барои криминалистика аҳаммиятнок, омӯзиши ҳолати равонии ронандагон, тамоюлҳои рафтории онҳо ва муҳити иҷтимоии атроф аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин замина, рафтори

зиддиҳуқуқӣ дар соҳаи ҳаракат аксаран зери таъсири маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ-ҳаяҷонӣ ташаккул ёфта, танҳо ба хатогиҳои идоракунии воситаи нақлиёт ё нуқсонҳои техникии он маҳдуд намешавад.

Ҳамин тариқ, тафтиши ҳодисаи роҳу нақлиётӣ бояд ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии рафтори инсонро ба назар гирад, аз ҷумла таъсири муҳити корӣ, рафтори иҷтимоӣ, муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити нақлиётӣ ва сатҳи фарҳанги ҷамъиятӣ, ки ба амалҳои хавфноки ронандагон мусоидат мекунанд. Танҳо бо дарназардошти ин омилҳо таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ҳодисаи роҳу нақлиётӣ имконпазир гардида, риояи қоидаҳои бехатарии ҳаракат таъмин карда мешавад.

4. Амалияи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат гувоҳӣ медиҳад, ки таҳия ва татбиқи тавсияҳои тактикии дақиқсанҷида оид ба анҷом додани амалҳои тафтишӣ дар таъмини пурра ва холисона бурдани тафтиш нақши муҳим мебозанд. Татбиқи муваффақонаи чунин тавсияҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки онҳо ба хусусиятҳои криминалистии кирдорҳои мавриди баррасӣ мутобиқ гардонда шаванд.

Тафтши ҷиноятҳои ин гурӯҳ диққатро ба маҷмуи амалҳои афзалиятноки тафтишӣ талаб менамояд, ки муайян намудани механизми ҳодиса ва ҳолатҳои дорои аҳаммияти мурофиавиро таъмин мекунанд. Дар ин раванд, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва пурсиши гумонбар (айбдоршаванда) аҳамияти асосӣ доранд, зеро онҳо ҳамчун манбаъҳои асосии иттилооти ибтидоӣ ва такмилёбандаи исботнамоӣ баромад мекунанд.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба қатори амалҳои ибтидоии тафтишӣ дохил шуда, ба ошкорсозӣ, сабт ва таҳлили изҳои моддӣ, ҳолати воситаҳои нақлиёт ва дигар унсурҳои муҳити ҳодиса равона мегардад. Ин амал имкон медиҳад, ки вазъияти роҳу нақлиётӣ барқарор карда шуда, доираи шахсони эҳтимолан марбут ба ҳодиса муайян гардад.

Пурсиши гумонбар (айбдоршаванда) вазифаи аниқсозии ҳолатҳои воқеии ҳодисаи баамаломадаро иҷро намуда, омилҳои субъективии рафтори зиддиҳуқуқиро ошкор месозад ва нақши шахси

мушаххасро дар воқеаи ҷиноят муайян мекунад. Ҳамчунин, ин амал ҳамчун воситаи санҷиш ва мушаххас намудани маълумоте хизмат мекунад, ки тавассути дигар усулҳои мурофиавӣ ба даст оварда шудаанд.

Татбиқи оқилонаи тавсияҳои тактикии криминалистика ҳангоми пурсиш, ки ба далелҳои қобили қабул асос меёбад, фаҳмиши амиқтари механизми кирдори ҷиноятӣ ва хусусиятҳои рафтори шахси гумонбаршударо таъмин менамояд.

Ҳамкории муфаттиш  бо кормандони воҳидҳои оперативӣ ва нозироти давлатии бехатарии ҳаракат аҳаммияти махсус дорад, зеро он ҳамкории самаранокро бо мақомоти дахлдор дар раванди ошкор намудани ҷинояткор ва муайян кардани воситаи нақлиёти истифодашуда ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъмин менамояд. Чунин ҳамкорӣ ба муайян намудани робитаҳои ҷинояткор бо муҳити ҷиноятӣ, ошкор кардани воситаи нақлиёти истифодашуда, боздошт намудани гунаҳгорон ва ҳалли парванда мусоидат мекунад.

Таҳлили амалияи тафтиш зарурати густариши истифодаи донишҳои махсусро ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт тасдиқ менамояд. Тафтиши самараноки чунин кирдорҳо ҷалби мутахассисони тибби судӣ, пайшиносҳо ва автотехникҳо, инчунин гузаронидани таҳқиқоти компютерии криминалистии воситаҳои нақлиёт ва унсурҳои инфрасохтори роҳро талаб мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои он дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, ки ба тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат вобастаанд, ифода меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, дар ҷараёни таълими фанҳои криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, криминология ва курсҳои махсус, инчунин дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи ҶТ), судҳо, Бозрасии давлатии автомобилӣ ва муассисаҳои экспертизаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Маводҳои таҳқиқот барои

баргузории семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ-амалӣ низ муфид хоҳанд буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои муосир, ки ба мақсад ва вазифаҳои кор мутобиқанд, таъмин карда мешавад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ такя мекунанд. Тафсир ва таҳлили амалияи судӣ-тафтишӣ бо истифодаи усулҳои муосири коркарди иттилоот ва омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ анҷом дода шудаанд.

Эътимоднокии таҳқиқот, инчунин бо истифодаи доираи васеи амалияи судӣ-тафтишӣ тасдиқ мегардад, ки дар шакли ҷамъбасти маводҳои амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва моҳияти таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки мустақими ӯ дар таҳқиқот, пешниҳоди ғояҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва мавқеъҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ифода меёбад. Ин саҳм ҳамчунин бо нашрияҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи криминалистика ва экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ баррасӣ шудаанд, аз ҷумла:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Баъзе хусусиятҳои тактикаи ташкил ва гузаронидани пурсиш аз рӯи парвандаҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» (Душанбе, 2022);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъ ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Ҳолатҳое, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо, вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд» (Душанбе, 2024).

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ «Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир» – маъруза дар мавзуи «Тактикаи азназаргузаронии воситаи нақлиёт дар мавриди тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт» (Душанбе, 2025);

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар дигар нашрияҳо ба забонҳои тоҷикӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия – 207 саҳифа.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Боби 1-уми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Тавсифи криминалистии вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** ба таҳлили тавсифи криминалистии ҷиноятҳое бахшида шудааст, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт алоқаманд мебошанд. Дар доираи ин боб муқарраароти назариявии криминалистика мавриди омӯзиш қарор гирифта, унсурҳои сохтории тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мазкур ошкор карда мешаванд, ҳамчунин низоми ҳолатҳое муайян мегардад, ки дорои аҳаммияти

исботнамоӣ ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятии ин гурӯҳ мебошанд.

**Дар зербоби 1-уми боби якум таҳти унвони «Таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** муаллиф таъкид менамояд, ки таъмини бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт барои ҳар як давлат аҳаммияти махсус дошта, бо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа алоқаманд мебошад. Ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ, ба ҷуз аз талафоти ҷони инсон ва зарар ба саломатӣ, ҳамчунин ба иқтисодиёт, давлат ва шаҳрвандон зарари моддӣ мерасонанд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи бехатарии ҳаракат барномаҳо оид ба коҳиш додани садаманокӣ ва ҷароҳатбардорӣ, инчунин беҳтар намудани фарҳанги ронандагӣ таҳия гардидаанд. Таъмини бехатарии ҳаракат, ҳамчунин тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ амалӣ мегардад, ки ба танзими қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва ронандагон равона шудаанд. Ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шаҳрвандон дар соҳаи ҳаракат тавассути пешгирии садаманокӣ ва бартараф намудани оқибатҳои ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ таъмин карда мешавад.

Масъалаҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар шароити давлатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои аҳаммияти устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Аҳаммияти онҳо на танҳо бо зарурати ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, балки бо таъсири мустақим ба суръати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян мегардад. Дар ин замина, ташаккули низоми мукаммал ва самараноки таъмини бехатарии ҳаракат, ки ба ҳолати инфрасохтори роҳ, истифодаи воситаҳои нақлиёт, шуури ҳуқуқӣ ва рафтори иштирокчиёни ҳаракат нигаронида шудааст, яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Масалан, тавассути қонунгузорӣ ва барномаҳои ба баланд бардоштани фарҳанги ронандагӣ ва маърифати ҳуқуқии иштирокчиёни ҳаракат равонашуда ҳадаф гузошта мешавад, ки сатҳи садама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо коҳиш дода шавад.

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки шароитҳои ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ маҷмуи хусусиятҳои роҳ, воситаҳои нақлиёт, ронанда ва муҳити атрофро дар лаҳзаи ҳодиса дар бар мегиранд.

Ҳолатҳои ба вуҷуд омадани садама ҳаракатҳо (ё беҳаракати)-и иштирокчиёни ҳаракат ва дигар рӯйдодҳоеро фаро мегиранд, ки пеш аз ҳодиса рух дода ё онро ҳамроҳӣ мекунанд, дар ҳоле ки механизми садама ҷанбаи замонии рушди онро инъикос менамояд. Ошкор намудани сабабҳои садаманокӣ дар таҳлили хатогиҳои иштирокчиён дар шароити мушаххас самараноктар мебошад, зеро ин имкон медиҳад омилҳои бартарафшавандаро дар низоми «ронанда – автомобил – роҳ» муайян кард.

Хулосаҳои аз таҳлили анҷомдодашуда бармеоянд, ки масъулияти ташаккули муҳити бехатари фаъолияти ҳаётии инсон, пеш аз ҳама, ба дӯши давлат вогузор мешавад. Коҳиш додани хавфи ҳалокати одамон, муайян намудани самтҳои эҳтимолан хатарноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки пешгирикунандаро талаб мекунад.

Дар ин замина, ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, бояд аз ҷониби қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кирдорҳое бандубаст шаванд, ки ба неъматҳои бунёдӣ: ҳаёт ва саломатии инсон таҷовуз мекунанд.

Хусусияти махсуси ҷиноятҳои зикршуда дар маҷмӯи аломатҳои фарққунанда ифода меёбад, ки онҳоро аз дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ба таври ҷиддӣ ҷудо месозад. Аз ҷумла, ба чунин аломатҳо метавон инҳоро мансуб донист:

1. Манбаи ҳодисаи роҳу нақлиётӣ воситаҳои нақлиёт мебошанд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракати роҳ» ҳамчун воситаҳое муайян шудаанд, ки «барои интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъйин шудааст».

Ба андешаи муаллиф, агар ҳодиса берун аз роҳ, ҳамчунин ҳангоми боргирӣ, борфарорӣ, корҳои сохтмонӣ, тоза кардани барф ва дигар ҳолатҳои монанд рух дода бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ на тибқи моддаи 212 КҶ ҶТ, балки тибқи моддаҳои 109, 118, 154 ё дигар

моддаҳои КҶ ҶТ, ки аломатҳои объективии монанд доранд, бандубаст мегардад.

Воситаҳои нақлиёте, ки зери таъсири моддаи 212 КҶ ҶТ қарор мегиранд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) худгард бошанд, яъне бо муҳаррикҳои дарунсӯз ё дигар навъи муҳаррикҳо ба ҳаракат дароварда шаванд;

б) ҳамчун манбаи хатари калон шинохта шуда, дар Кодекси мадании ҶТ пешбинӣ гардида бошанд;

в) бояд дар мақомоти махсусгардонидашудаи ваколатдор (БДА) ба қайд гирифта шуда бошад;

г) барои идоракунии воситаи нақлиёт мавҷудияти хулосаи тиббӣ, расидан ба синни муқарраршудаи ронанда ва гирифтани ҳуқуқи идоракунӣ талаб карда шавад;

д) ҳаракати роҳии воситаҳои нақлиёт дорои қоидаҳои махсус бошад, яъне бо санади «Қоидаҳои ҳаракати роҳ» танзим гардад.

2. Бояд вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ҷой дошта бошад, ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

– воқеияти вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат шарти калидии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад;

– зери чунин вайронкунӣ ҳар гуна рафтори зиддиҳуқуқии иштирокчии ҳаракат фаҳмида мешавад, ки дар риоя накардани меъёрҳои муқарраршудаи бехатарии ҳаракат ифода ёфта, аз беэҳтиётӣ содир шуда ва ба оқибатҳои барои ҷамъият оварда расонидааст;

– чунин вайронкунӣ метавонад на танҳо аз ҷониби ронандагон, балки аз ҷониби пиёдагардон, мусофирон ва дигар шахсони иштирокчии ҳаракат низ содир карда шавад.

Истифодаи воситаҳои нақлиёт бо нуқсонҳои техникии ба бехатарии ҳаракат таҳдидкунанда мутобиқи қонунгузории кишвар манъ аст. Ин вайронкуниҳо доираи васеи кирдорҳои зиддиҳуқуқиро фаро мегиранд, аз ҷумла истифодаи воситаҳои нақлиёти аз лиҳози техникӣ номувофиқ, идоракунӣ дар ҳолати мастӣ ё дар ҳолати бемориӣ ё хастагӣ, ҳамчунин нодида гирифтани талаботи муқарраршуда ҳангоми интиқоли мусофирон ва борҳо.

Илова ба ин, ба бехатарии нақлиёт амалҳое таҳдид мекунанд, ки кори муътадили онро халалдор месозанд, аз ҷумла дахолат ба фаъолияти механизмҳои техникӣ, вайрон намудани қоидаҳои рафтори мусофирон ва пиёдагардон, инчунин дигар амалҳое, ки метавонанд раванди ҳаракати бехатарӣ дар роҳро ноустувор гардонанд.

**Дар зербоби дуюми боби якум таҳти унвони «Тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** қайд мегардад, ки воситаи нақлиёт яке аз манбаъҳои техникии барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад.. Рушди истеҳсоли воситаҳои нақлиёт, аз як ҷониб, ба давлат ва ҷомеа манфиат меорад, аммо аз ҷониби дигар, барои ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, инчунин барои тартиботи ҷамъиятӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки ҳаёти муосирро бе воситаҳои нақлиёт тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳамзамон, воситаи нақлиёт ҳамчун манбаи хавфи баланд худ аз худ сабаби ҷиноят маҳсуб намеёбад. Сабабҳои ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ аз риоя накардани бевоситаи талаботи Қоидаҳои ҳаракат аз ҷониби ронандагон то омилҳои объективие фарқ мекунанд, ки таъсири онҳоро ба рушди ҳодиса истисно менамоянд. Бо вуҷуди ин, оқибатҳои аз ҳама хатарноки ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ на танҳо бо худи воқеаи ҳодиса, балки бо рафтори минбаъдаи иштирокчиёни он алоқаманд мебошанд, вақте ки онҳо ҷабрдидагонро дар ҳолати нотавонӣ боқӣ мегузоранд, кумаки тиббӣ ё дигар навъи ёриро намерасонанд ё ҷойи ҳодисаро тарк мекунанд. Чунин амалҳо бояд на танҳо тибқи моддаи 212 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҳамчунин тибқи моддаи 127 ҳамин Кодекс бандубаст карда шаванд.

Амалияи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ нишон медиҳад, ки босифат муайян намудани ҳамаи ҳолатҳои ҳодиса талаб мекунад, ки тавсифи криминалистии кирдорҳои дахлдор ба назар гирифта шавад. Ба андешаи муаллиф, тавсифи криминалистии ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ вазифаи низомнокро дар методологияи тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ иҷро мекунад. Дар таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои тафтиши ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ намудҳои

гуногуни тавсифҳои криминалистӣ ташаккул ёфтаанд, ки вобаста ба ҳолати ронанда, навъи воситаи нақлиёти истифодашуда ва синну соли шахси кирдорсодиркунанда фарқ мекунанд. Аз ҷумла, ҷиноятҳое баррасӣ мегарданд, ки дар ҳолати мастӣ, бо истифодаи нақлиёти мусофиркаш, мотосиклҳо, инчунин аз ҷониби ноболиғон содир шудаанд.

Бо вуҷуди он ки ин таснифот ба меъёрҳои асоснок, аз қабили воситаи содир намудани ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор такя мекунанд, онҳо хусусияти мураккаби ҳодисаҳои роҳу нақлиётиро ба таври пурра инъикос намекунанд. Ба андешаи муаллиф, чунин тавсифҳои криминалистӣ ба рушди минбаъда ва такмил ниёз доранд. Тавсифи криминалистии пешниҳоднамудаи баъзе муаллифон пурра нест, зеро он маълумотро дар бораи усул ва механизми содир намудани кирдор, шахсияти ҷабрдида, предмети таҷовуз, механизми ба вуҷуд омадани изҳо ва вазъияти содиршавии ҷиноят дар бар намегирад. Ин унсурҳо барои муайян намудани ҳолатҳои парванда, бандубаст ва муайян кардани нақши иштирокчиён дар вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аҳаммияти принсипӣ доранд. Аз ин рӯ, мавқеи зикршуда наметавонад дастгирӣ гардад.

Муаллиф механизми содир намудани ҷиноятро ба чор марҳилаи мустақил ҷудо намудааст:

– марҳилаи пешазсадамавӣ (лаҳзаи ба вуҷуд омадани хатар барои иштирокчиёни ҳаракат);

– марҳилаи ба вуҷуд омадани садама (таассуроти ҳамаи иштирокчиёни ҳаракат ва низоми идоракунии воситаи нақлиёт);

– марҳилаи авҷгирии садама (муносибати иштирокчиён бо воситаи нақлиёт, ҳаракати он пас аз чунин алоқа, гирифтани ҷароҳатҳо ва осеб дидани воситаи нақлиёт);

– марҳилаи ниҳоӣ (мавқеи мутақобилаи иштирокчиёни ҷиноят пас аз қатъ шудани ҳама гуна ҳаракати иштирокчиён).

Ин таснифот содда буда, унсурҳои нолозим ва душворфаҳмро дар бар намегирад ва имкон медиҳад номгӯйи амалҳо ва тадбирҳои зарурӣ барои муайян намудани механизми ҳодиса ба таври равшан муайян карда шавад.

Дар асоси таҳлили ҷиноятҳое, ки дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои дурдаст содир шудаанд, муаллиф ба хулосаи асосии зерин меояд: дар панҷ соли охир вазъи содиршавии ин гуна ҷиноятҳо дар онҳо ба шакли зайл зуҳур мекунад.

1. Хусусияти бештар хоси ҷиноятҳои мавриди баррасӣ содир гардидани онҳо дар шароити баланд будани суръати ҳаракат дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин мебошад. Шумораи зиёди чунин ҳолатҳо дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Турсунзода ва Ваҳдат ба қайд гирифта шудаанд.

2. Содиршавии ин ҷиноятҳо бештар дар роҳҳои байнишаҳрӣ мушоҳида гардида, бо суръати баланди ҳаракат, ҷойгиршавии нодурусти воситаҳои нақлиёт дар канори роҳ, гузариши нодурусти роҳ аз ҷониби пиёдагардон, беэҳтиётӣ ё худбоварии ронандагон, номувофиқ будани воситаҳои нақлиёт ба талаботи муқарраргардида, инчунин номувофиқ будани роҳҳо ба стандартҳои амалкунанда алоқаманд аст. Чунин ҳолатҳо махсусан дар шоҳроҳҳои Душанбе – Данғара ва Душанбе – Хуҷанд бештар ба назар мерасанд.

3. Бо дарназардошти зичии аҳолӣ, шумораи бештари вайронкуниҳои қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар шаҳрҳои Бохтар, Ваҳдат ва Турсунзода мушоҳида мегардад. Аммо содиршавии ин гуна ҷиноятҳо дар ин шаҳрҳо нисбат ба ҷиноятҳои нақлиётие, ки дар роҳҳои байнишаҳрӣ ё дар натиҷаи суръати баланд рух медиҳанд, камтар ба қайд гирифта мешавад.

Дар диссертатсия ҳамчунин хусусиятҳои шахсияти ҷинояткорон муайян карда шудаанд:

1. Дараҷаи маълумот ё собиқаи ронандагӣ. Самти рафтори шахсият на он қадар аз сатҳи таҳсилоти расмӣ, балки бештар аз дараҷаи фарҳанги умумӣ, умқи донишҳои азхудшуда дар бораи ҷаҳони атроф ва хусусияти муносибатҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад. Дар байни шахсоне, ки дар соҳаи бехатарии роҳ ҷиноят содир кардаанд, 51 фоизи онҳо маълумоти олӣ ва 43 фоиз маълумоти миёнаи махсус, 6 фоиз маълумоти миёна ва миёнаи нопурра доранд.

2. Таҳлили маълумот дар бораи шахсияти ҳуқуқвайронкунандагон нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо қаблан аллакай дар доираи таъсири ҳуқуқӣ қарор доштаанд. Аз ҷумла, 81%

шахсон қаблан ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб гардидаанд, дар ҳоле ки 19 % пештар ҷавобгарии ҷиноятӣ доштаанд.

3. Бо назардошти хусусияти кирдорҳои содиршуда, ҳамаи шахсоне, ки талаботи бехатарии ҳаракатро вайрон намудаанд, метавонанд ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд:

1) Гурӯҳи аз ҳама муҳимеро ронандагони воситаҳои нақлиёт ташкил медиҳанд, аз ҷумла:

– шахсоне, ки ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт надоранд: ин гурӯҳ 8 % –ро ташкил дода, ҳам шахсони қаблан аз ҳуқуқи идоракунӣ маҳрумшуда (5 %) ва ҳам шахсоне, ки ҳеҷ гоҳ чунин иҷозат нагирифтаанд (3 %) –ро дар бар мегирад;

– ронандагони касбӣ ва доимӣ, ки дар байни онҳо ҳиссаи асосии ҷиноятҳо ба ронандагони автомобилҳои сабукрав (62 %) рост меояд; минбаъд ронандагони автомобилҳои боркаш (16%), микроавтобусҳо (8 %), дигар намудҳои нақлиёт (12 %) ва автобусҳои мусофиркаш (2 %) қарор доранд.

Амалия нишон медиҳад, ки сатҳи омодагии касбии ронандагон яке аз омилҳои муайянкунандаи бехатарии ҳаракат дар роҳ ба ҳисоб меравад. Тавре ки А.Н. Романов ишора мекунад, дар ҳолатҳои фавқулоддаи ғайричашмдошт ронандагони соҳибтаҷриба метавонанд ба тағйирёбии вазъияти роҳ сари вақт ва дақиқ вокуниш нишон дода, риояи талаботи бехатариро дар вазъияти мушаххас таъмин намоянд [81, с. 173–174].

2) Ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ на танҳо ба ронандагон, балки ҳамчунин ба мусофирон, пиёдагардон ва дигар иштирокчиёни ҳаракат таъсир мерасонанд.

**Дар зербоби сеюми боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд»** мавқеъ асоснок карда мешавад, ки мутобиқи он муфаттиш ҳуқуқ дорад:

1) бо такя ба принсипи сарфакории мурофиавӣ, дар сурати мавҷуд набудани дархостҳои дахлдори тарафҳо, аз санҷиши далелҳо худдорӣ намояд;

2) пурсиши такрории шахсонеро, ки қаблан маълумот (баёнот) додаанд, анҷом надиҳад, агар нисбат ба эътимоднокии онҳо шубҳа вуҷуд надошта бошад ва зарурати муайян намудани ҳолатҳои иловагии парвандаи ҷиноятӣ пеш наояд;

3) дар ҳолате ки масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар хулосаи мутахассис, ки дар натиҷаи санҷиши хабар дар бораи ҷиноят таҳия шудааст, ҳал гардида бошанд, таъйини экспертизаи судӣ беасос мебошад. Ҳамзамон, экспертизаи судӣ дар ҳолати зарурати гирифтани маълумоти иловагии дорои аҳаммияти исботнамоӣ, дар сурати мавҷуд будани шубҳаҳо нисбат ба эътимоднокии хулосаи мутахассис аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа, инчунин дар ҳолатҳое, ки бевосита дар моддаи 209 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳатман таъйин карда мешавад;

4) анҷом додани амалҳои иловагии тафтишӣ ё мурофиавӣ номувофиқ мебошад, агар маълумоти воқеӣ дар бораи воқеаи ҷиноят аллакай дар маводи санҷиши то тафтишӣ мавҷуд буда, дорои хусусиятҳои далелҳои шайъӣ бошанд.

Таҳлили шахсияти гумонбаршаванда омӯзиши ҳатмии ҳолати равонӣ ва вазъи умумии саломатии ӯро дар бар мегирад. Маълумот дар бораи мавҷудияти бемории равонӣ, шаклҳои патологии мастӣ, дигар ҳолатҳои норасоии равонӣ, инчунин вобастагиҳои музмин, аз ҷумла майзадагӣ ва нашъамандӣ, аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Ин ҳолатҳо имкон медиҳанд қобилияти шахс барои дарк намудани амалҳои худ ва идора кардани онҳоро муайян кард, ки ҳангоми ҳалли масъалаи мукаллафӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Содир намудани ҷиноят дар ҳолати номукаллафӣ татбиқи ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад. Дар чунин ҳолатҳо суд метавонад нисбат ба шахс чораҳои маҷбурии хусусияти тиббиро таъйин намояд (моддаҳои 96–103 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Таҳлили маҷмӯии хусусиятҳои ҷойи ҳодиса имкон медиҳад, шароите, ки дар онҳо воқеаи роҳу нақлиётӣ рушд ёфтааст, барқарор карда шавад. Дар ин раванд хусусиятҳои қитъаи роҳ аҳаммияти ҷиддӣ доранд, аз ҷумла: шакл ва тарҳи қисми ҳаракаткунандаи роҳ, релеф, ҳолати рӯйпӯши роҳ, шароити обу ҳаво ва сатҳи намоёнӣ; дараҷаи муҷаҳҳаз будани қитъаи роҳ бо воситаҳои танзим ва

назорати ҳаракат; инчунин ҷойгиршавии роҳи пиёдагардон, монеаҳо ва дигар унсурҳои инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла гузаргоҳҳои роҳи оҳан.

Қайд мегардад, ки муфаттиш ҳангоми ҷамъоварии далелҳо уҳдадор аст, ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда танҳо ҳамон ҳолатҳоро ба инобат гирад, ки дар моддаи 62 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Илова бар ин, ҳангоми муайян намудани ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо муфаттиш, ба истисноси ҳолатҳое, ки дар моддаи 61 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд, ҳуқуқ дорад, дигар ҳолатҳоро низ ҳамчун сабуккунанда нишон диҳад.

Низомноксозии иттилооте, ки дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ ба даст меояд, имкон медиҳад як қатор сабабҳо ва шароитҳои намунавиро ҷудо намоем, ки ҳам ба ҳолати техникии инфрасохтори роҳ ва воситаҳои нақлиёт ва ҳам ба рафтори иштирокчиёни ҳаракат вобаста мебошанд.

Ба чунин омилҳо ҳолати ғайриқаноатбахши роҳҳо, истифодаи воситаҳои нақлиёти ба талабот ҷавобгунабуда, ҳолати мастӣ, сатҳи пасти интизом ва худназоратии ронандагон, инчунин ташкили нокифояи меҳнат ва назорат дар соҳаи фаъолияти нақлиётӣ мансубанд. Ҳамзамон, ҳар як вазъияти роҳу нақлиётӣ хусусияти инфиродӣ дорад, ки ин имкони тартиб додани номгӯйи пӯшидаи чунин шароитҳоро истисно мекунад. Дар диссертатсия танҳо шароитҳои аз ҳама хос ва бештар паҳншуда таҳлил шудаанд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки рӯйхати умумии ҳолатҳои исботкунӣ, ки дар моддаи 85 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо бар зидди бехатарии ҳаракат пуррагии зарурии таъмин намекунад. Ба ибораи дигар, муайян намудани ҳолати техникии воситаи нақлиёт ва хусусияти нақши ҷабрдида дар вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат барои тафтиши ин гуна ҷиноятҳо ҳатмӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳар як ҷиноят дар ҷараёни тафтишот, ба ғайр аз асосҳои умумии исботкунӣ (моддаи 85 КМҶ ҶТ), дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошад.

**Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Асосҳои ташкили ва банақшагирии тафтишии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** заминаҳои ташкилию банақшагирии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таваҷҷуҳи махсус ба хусусиятҳои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, таҳлили вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва таҳияи нуқтаи назар барои банақшагирии тафтиши ин кирдорҳо зоҳир карда мешавад.

**Дар зербоби якум таҳти унвони «Хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** таъкид мегардад, ки марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар тӯли муддати тӯлонӣ яке аз масъалаҳои баҳсноки илми криминалистика боқӣ мемонад.

Мақсади марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ санҷиши иттилоот дар бораи кирдори зиддиҳуқуқӣ ва муайян намудани мавҷуд ё набудани воқеаи ҷиноят ва таркиби ҷиноят дар амалҳои шахсони мушаххас аз ҷониби шахси мансабдори ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин қабули қарори дахлдори мурофиавӣ мебошад. Таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои марҳилаи оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо бар зидди бехатарии ҳаракат таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд.

Ҳамзамон, муаллиф мавқеero асоснок мекунад, ки мувофиқи он ошкор ва исбот намудани ҳолатҳои содиршавии кирдор вазифаи тафтиши пешакӣ мебошад, дар ҳоле ки қарори мурофиавӣ дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ бояд дар ҳолати мавҷуд будани маълумоти объективие қабул гардад, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора намуда, бо ҷалби донишҳои махсус ба даст оварда шудаанд.

Принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона таҳқиқ намудани ҳолатҳои парванда, ки дар моддаи 21 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ аҳаммияти муҳим дорад. Вайрон гардидани ин принсип метавонад ба ташаккули асоси далелии носаҳеҳ оварда расонад ва дар натиҷа сабаби қабули қарори судие

гардад, ки ба ҳолатҳои воқеии парванда мутобиқат намекунад. Қонунгузор таъкид менамояд, ки ҳукми айбдоркунанда наметавонад бо тахмин асоснок карда намешавад (қ. 5 м. 15 КМҶ ҶТ).

Маводе, ки аз мақомоти БДА ворид мегарданд, бояд ҳаҷми кофии иттилооти дорои аҳаммияти исботиро дар бар гиранд, аз ҷумла натиҷаҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ҳуҷҷатҳои хизматии кормандони БДА, нишондодҳои шоҳидон ва иштирокчиёни ҳодисаи роҳу нақлиётӣ, маълумоти тиббӣ дар бораи ҳолати ҷабрдидагон, инчунин санадҳое, ки воқеият ва хусусияти ҳодисаи роҳу нақлиётиро тасдиқ менамоянд.

Дар амалияи тафтишот, одатан, дар марҳилаи ибтидоӣ се вазъияти асосии тафтишӣ ташаккул меёбанд, ки вобаста ба мавҷуд будан ё набудани ронанда ва воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса муайян мегарданд.

Таҳлили амалияи тафтиш нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолатҳо дар марҳилаи ибтидоии тафтиш вазъияте ба вуҷуд меояд, ки дар он ронанда ва воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса боқӣ мемонанд. Дар чунин шароит вазифаи аввалиндараҷа барқарор намудани тасвири пурраи ҳодисаи роҳу нақлиётӣ ва муайян кардани дараҷаи ҷавобгарии ҳамаи иштирокчиёни воқеа ба ҳисоб меравад.

Муфаттиш ё таҳқиқбаранда пас аз баррасии маводе, ки аз ҷониби мақомоти милитсия, БДА ва дигар мақомоти маҳаллӣ пешниҳод мегарданд, ҷамъоварии маълумоти иловагиро анҷом медиҳад.

Тафтиши самараноки ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ гузаронидани маҷмуи чорабиниҳои тафтиширо дар бар мегирад, ки аз маълумот ва баёнотҳо аз ҳамаи иштирокчиёни ҳодиса, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти экспертиза, таъйини экспертизаҳои махсуси судӣ, инчунин санҷиши объектҳое, ки дорои аҳаммияти исботӣ мебошанд, иборат аст. Нақши муҳимро муоинаи тиббии шахсон барои муайян намудани ҳолати мастӣ ва иштироки мутахассисони соҳаҳои гуногун мебозад, ки пуррагӣ ва объективияти тафтишро таъмин менамоянд. Қайд мегардад, ки дар ҳолати зарурат шахси ваколатдор ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ супоришҳои хаттӣ равона менамояд, то чорабиниҳои дахлдор анҷом дода шаванд.

Марҳилаи ибтидоии вокуниш ба хабарҳо дар бораи ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ бо талаботи баланд ба фаврият ва саривақтии тафтиш тавсиф мегардад. Ин ба он вобаста аст, ки қисми зиёди иттилооти изӣ, аз ҷумла изҳои ҳароратӣ ва дигар изҳои нопойдор, метавонанд дар муддати кӯтоҳ пас аз ҳодиса нобуд шаванд. Ин ҳолатҳо қабули фаврии қарорҳои мурофиавӣ ва гузаронидани чорабиниҳои аввалиндараҷаро тақозо менамоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии тафтиш, фаъолияти муфаттиш (ё таҳқиқбаранда)-ро мувофиқ аст ба марҳилаҳо ҷудо намуд: аз як тараф – ташкилу банақшагирии амалҳо дар ҷойи ҳодиса ва аз тарафи дигар банақшагирии минбаъдаи чорабиниҳои тафтишӣ пас аз анҷом додани амалҳои ибтидоии мурофиавӣ.

Таҳлили анҷомдодашудаи **зербоби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** тасдиқ менамояд, ки банақшагирии тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, дар марҳилаи ибтидоии мурофиаи ҷиноятӣ такя ба маълумоти аввалин дар бораи ҳодиса, дарки ҳамаҷонибаи вазъияти тафтишӣ ва ба инобат гирифтани шароити объективии тағйирёбии эҳтимолии он талаб мекунад. Дар чунин шароит омили асосии самаранокӣ қобилияти муфаттиш дар пешбинӣ намудани оқибатҳои қарорҳои мурофиавӣ ва тағйир додани саривақтии модели тактикии тафтиш ба ҳисоб меравад.

Пешниҳоди фарзияҳои тафтишӣ асосноккунии мантиқӣ ва воқеиро талаб мекунад. Тибқи маълумоти таҳқиқоти илмӣ ва амалияи тафтишӣ, фарзияҳои аз ҳама маъмул чунинанд: вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат, вайрон намудани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт, рафтори беэҳтиётонаи ҷабрдида, худкушӣ, тасодуфан рӯй додани ҳолатҳо, одамкушӣ бо истифода аз воситаи нақлиёт, инчунин вонамудсозии ҳодиса бо мақсади пинҳон намудани ҷинояти дигар.

Дар кор ду ҳолати намунавии ибтидоии тафтишӣ ҷудо карда мешаванд, ки барои марҳилаи ибтидоии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракати роҳ хос мебошанд.

Дар ҳолати намунавии якум барои мақомоти тафтиш шахсияти ронанда, ҷабрдида ва хусусиятҳои воситаи нақлиёт маълум мебошанд, новобаста аз он ки онҳо дар воқеъ дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд ё не. Дар ҳолати дуюм дар ҷойи ҳодиса ҷабрдида ҳузур дорад, аммо маълумот дар бораи ронанда ва воситаи нақлиёт мавҷуд нест.

Таҳлили эмпирикӣ нишон дод, ки зиёда аз нисфи ҳолатҳо (56 %) дар марҳилаи ибтидоии тафтиш ба гурӯҳи якум мансубанд. Ин бо хусусиятҳои маҳалҳои деҳот, имкониятҳои маҳдуди пинҳон намудани изҳои ҷиноят, инчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки ронанда ва ҷабрдида аксаран бо ҳамдигар ошно мебошанд. Омили иловагӣ истифодаи техникаи кишоварзӣ мебошад, ки хусусиятҳои техникии он имкон намедиҳанд ҷойи ҳодиса зуд тарк карда шавад.

Дар 58 % ҳолатҳо, ки ҷабрдида зинда мемонад, ронанда ҷойи ҳодисаро танҳо бо мақсади расонидани кумаки тиббӣ тарк мекунад, ки ин барои муфаттиш, пеш аз ҳама ҳангоми муайян намудани ҷойи дақиқи ҳодиса, мушкилоти муайян ба миён меорад. Ҳамчунин ба мушкилоти муайян намудани шахсияти пиёдагардони ҳалокшуда дар ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ, ки дар роҳҳои автомобилгард рух медиҳанд, таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Ин масъала тавассути гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, сабти изҳо ва гирифтани нишондодҳои иштирокчиён ва шоҳидони воқеа ҳал мегардад.

Гурӯҳи дуюми ҳолатҳо бо норасоии маълумоти ибтидоӣ фарқ мекунад: ба тафтишот танҳо вақт, ҷой ва оқибатҳои ҳодиса маълум буда, дар бораи воситаи нақлиёт ва ронанда маълумот мавҷуд нест. Чунин вазъият барои 22 % ҷиноятҳои тафтишшуда дар маҳалҳои деҳот хос буда, диққати асосиро ба ҷустуҷӯи воситаи нақлиёт ва муайян намудани шахсе, ки онро идора мекард, талаб менамояд.

Гурӯҳи сеюм, ки дар 9 % ҳолатҳо ошкор шудаанд, бо он тавсиф меёбанд, ки воситаи нақлиёт муайян гардидааст, аммо ронандае, ки ҷойи ҳодисаро тарк намудааст, то ҳол муайян нашудааст.

Дар вазъиятҳое, ки бо тарк намудани ҷойи ҳодисаи роҳу нақлиётӣ аз ҷониби ронанда вобастаанд, аксаран бархӯрд ба монеа

ба амал меояд, ки дар натиҷа воситаи нақлиёт қобилияти идомаи ҳаракатро аз даст медиҳад. Ҷабрдидагон ҷароҳатҳои дараҷаҳои гуногун мегиранд, дар ҳоле ки шоҳидон аксаран имконияти минбаъдаи шиносоӣ ва муайян намудани шахси идоракунандаи воситаи нақлиётро доранд.

Дар чунин шароит сабти изҳои моддӣ аҳаммияти махсус касб мекунад, зеро онҳо имкон медиҳанд далели идоракунии воситаи нақлиёт аз ҷониби шахси мушаххас тасдиқ гардад. Натиҷаҳои экспертизаи судӣ-тиббӣ низ нақши муҳим мебозанд, зеро онҳо осебҳои хосеро муайян мекунанд, ки барои иштироки шахс дар ҳодисаи роҳу нақлиётӣ хос мебошанд.

Гурӯҳи чоруми ҳолатҳои тафтишӣ, ки дар 13 % ҳолатҳо муайян шудаанд, бо он фарқ мекунанд, ки ба тафтиш танҳо оқибатҳои ҳодиса маълум буда, дар бораи вақт, ҷой ва субъекти он маълумот мавҷуд нест. Одатан чунин вазъиятҳо ҳангоми иштироки хешовандони наздики гунаҳгори эҳтимолӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин боиси таҳриф шудани маълумот мегардад. Манбаъҳои асосии муайян намудани ҳолатҳои воқеӣ дар ин ҳолатҳо азаназаргузаронии ҷойи ҳодиса, гирифтани нишондодҳо ва экспертизаи судӣ-тиббӣ мебошанд.

**Дар боби сеюми таҳқиқоти илмӣ таҳти унвони «Тафтиши вайронкардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** усулҳои тактикии гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт таҳлил мегарданд, ҳамчунин ҷанбаҳои мурофиавӣ ва криминалистии таъйини экспертизаҳои судӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Дар зербоби якум таҳти унвони «Хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** таъкид карда мешавад, ки дар марҳилаи ибтидоии тафтиш амалҳои тафтишие, аз қабили кофтукови шахсӣ, азназаргузаронӣ, пурсиши иштирокчиён, таҳқиқи воситаҳои нақлиёт ва таъйини экспертизаҳои судӣ аҳамияти муҳим доранд.

Ташкили азназаргузаронии ҷойи ҳодиса андешидани як қатор тадбирҳои омодагиро талаб менамояд, ки ба вокуниши саривақтӣ ба хабар дар бораи ҳодиса, ҷамъоварии маълумоти пешакӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои самаранок гузаронидани амалҳои тафтишӣ дар ҷойи ҳодиса равона шудаанд.

Дар ҷараёни азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи роҳу нақлиётӣ муфаттиш як силсила амалҳои пайдарпайро анҷом медиҳад, ки то андозае муваффақияти тафтиш аз онҳо вобаста аст. Ӯ хабар дар бораи ҳодисаи роҳу нақлиётиро қабул намуда, ҳолатҳои содиршавии онро дақиқ месозад ва ҳифзи вазъияти ҷойи ҳодисаро таъмин менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба ҳамкорӣ бо кормандони БДА ва муайян намудани шоҳидон равона карда мешавад, зеро нишондодҳои онҳо дар марҳилаи ибтидоӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Муфаттиш расонидани ёрӣ ба ҷабрдидагонро ташкил намуда, месанҷад, ки оё чораҳо оид ба боздошти шахсони гумонбар ва пешгирии оқибатҳои минбаъда андешида шудаанд ё не, инчунин вазъияти ҷории оперативиро арзёбӣ мекунад. Илова бар ин, омодагии воситаҳои зарурии техникӣ таъмин гардида, барои холисона гузаронидани азаназаргузаронӣ мутахассисон ва шахсони холис ҷалб карда мешаванд.

Пас аз ҳозир шудан ба ҷойи ҳодиса, муфаттиш пеш аз оғози амалҳои мурофиавӣ уҳдадор аст маълумоти ибтидоии роҳнамоиро ҷамъоварӣ намояд, муҳофизат ва ҷудо намудани ҳудуди ҷойи ҳодисаро таъмин созад, доираи шахсоне, ки бояд пурсида шаванд, муайян намояд, шахсони бегонаро дур созад, ба иштирокчиён ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии онҳоро фаҳмонад, инчунин тартиб ва тактикаи азаназаргузаронии ҷойи ҳодисаро бо дарназардошти вазъияти мушаххаси тафтишӣ банақшагирӣ кунад.

Ҳангоми гузаронидани азаназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар ҳолатҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат муфаттиш бояд амалҳои зеринро иҷро намояд:

– биноҳои дар наздикии ҷойи ҳодиса ҷойгиршударо санҷида, мавҷудияти низоми берунии назорати видеоиро муайян намояд;

– ба мутахассис барои анҷом додани наворбардории видеоӣ ё аксбардории умумӣ ё муфассали ҷойи ҳодиса дастур диҳад ё дар сурати набудани мутахассис, ин амалҳоро мустақилона анҷом диҳад.

Дар ин марҳила муфаттиш бояд хусусиятҳои роҳ, аз ҷумла паҳноӣ, таъинот, навъи рӯйпӯши роҳ (асфалт, шағал, хокӣ ва ғайра), инчунин ҳолати қисми мошингарди роҳро ба таври дақиқ сабт намояд,

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот, амалияи татбиқи қонунгузорӣ ва пурсишҳои муфаттишон нишон додаанд: 27,7% муфаттишон аз усулҳои тактикӣ барои барқарор намудани тамоси самаранок бо иштирокчиёни амалҳои тафтишӣ истифода мебаранд; 30 % онҳоро ҳангоми таҳияи саволҳо, махсусан дар марҳилаи гирифтани ҷавобҳо ва тартиб додани саволҳои муқоисавӣ татбиқ менамоянд; 59 % усулҳои тактикии пурсишро дар ҳолатҳои баҳс ва муноқишаи шадид истифода мекунанд.

Ҳангоми тафтиши парвандаҳо оид ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат, пурсиши иштирокчиёни раванд бояд бидуни таъхирҳои беасос анҷом дода шавад, зеро бо гузашти вақт баъзе ҷузъиёти ҳодиса аз хотира фаромӯш мегарданд. Дар ин робита, омодагӣ ба пурсиш шарти муҳимми ба даст овардани нишондодҳои дақиқ ва мукаммал ба ҳисоб меравад.

Амалияи омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии ин гурӯҳ, аз ҷумла нисбат ба шахсоне, ки қаблан ба ҷавобгарӣ ҷалб гардидаанд, нишон медиҳад, ки муфаттиш дар марҳилаи омодагӣ бояд дақиқ муайян намояд, кадом ҳолатҳо аз ҷониби шоҳиди мушаххас ё гумонбаршаванда бояд равшан гарданд.

Барои ин зарур аст маводи парванда, аз ҷумла нишондодҳои дигар иштирокчиён ва иттилооте, ки дар ҷараёни санҷиши хабарҳо дар бораи ҷиноят ҷамъоварӣ шудааст, таҳлил карда шаванд. Аз нишондодҳои шахси пурсидашаванда метавон дарк намуд, ки кадом ҷанбаҳои вазъият бояд баррасӣ гарданд ва дар раванди пурсиш кадом ҳолатҳо метавонанд ба миён оянд. Омодагӣ ба пурсиш на танҳо ташаккули доираи асосии саволҳоро дар бар

мегирад, балки таҳияи мавқеъҳои иловагии дақиқкунанда, инчунин омӯзиши пешакии шахсияти пурсидашавандаро низ талаб мекунад.

Аз нуқтаи назари криминалистӣ, таҳлили шахсияти шахсе, ки бояд пурсида шавад, ҷамъоварии иттилооти дорои аҳаммияти муҳимро дар назар дорад, ки имкон медиҳад тактикаи оптималии таъсири тафтишӣ муайян карда шавад. Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла низоми арзишҳо, манфиатҳо, эҳтиёҷот, ҳолати эҳсосӣ ва сифатҳои иродавӣ, имконият медиҳад рафтори пурсидашавандаро пешбинӣ намуда, эҳтимоли ба даст овардани нишондодҳои объективӣ ва пурра баланд бардошта шавад. Чунин иттилоот метавонад аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла нишондодҳои шоҳидон, базаҳои криминалистии маълумот, маводи шабакаҳои иҷтимоӣ ва маълумоти оперативию хизматӣ ба даст оварда шавад.

Қайд мегардад, ки ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани эксперименти тафтишӣ ба муфаттиш тавсия дода мешавад, ки пешакӣ ба ҷойи баргузории он ҳозир шуда, зарурати гузаронидани ин чорабиниро муайян намояд. Ташкили эксперименти тафтишӣ барқарорсозии пешакии муҳити ҳодиса ва таҳлили тағйироти дар ҷойи воқеа баамаломадаро дар бар мегирад. Барои таъмини объективият ҳамаи унсурҳои муҳит бо ёрии аксбардорӣ ҳам пеш аз оғози эксперимент ва ҳам пас аз анҷоми он сабт мегарданд, ҳамзамон ба иштирокчиён ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии онҳо фаҳмонида мешаванд.

Эксперименти тафтишӣ барои муайян намудани хусусиятҳои объективии вазъияти роҳу нақлиётӣ истифода мегардад, аз ҷумла нишондиҳандаҳои суръат, сатҳи намоёнӣ ва равшанӣ, таъсири омилҳои инфрасохторӣ ва техникӣ ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт, коршоямӣ ва самаранокии воситаҳои танзими ҳаракат, инчунин имкониятҳои дарки босира ва шунавоӣ дар шароити мушаххас.

Бо назардошти он ки аксари ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ берун аз муҳити шаҳр, дар маҳалҳои деҳот рух медиҳанд, дар амал экспериментҳое аҳаммияти бештар доранд, ки ба муайян намудани суръати ҳаракат ва шароити намоёнӣ равона шудаанд. Методикаи

гузаронидани чунин экспериментҳо дар диссертатсия ба таври муфассал баррасӣ мегардад.

**Дар зербоби дуюми боби сеюм таҳти унвони «Таъйин намудани экспертизаи судӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»**, муаллиф менависад, ки истифодаи донишҳои махсус яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар тафтиши ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Ҳолатҳое мавҷуданд, ки ошкор намудани онҳо барои тафтиш аҳаммияти ҷиддӣ дорад, аммо бо усулҳои одии ҳуқуқӣ муайян кардани онҳо ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, муфаттиш (ё таҳқиқбаранда) маҷбур мешавад ба донишҳои махсус такя намояд.

Имконияти истифодаи донишҳои махсус метавонад ҳамчун заминаи асосӣ ва аввалиндараҷа, ҳамчун манбаи ба даст овардани далелҳои шайъӣ, асос барои бандубаст намудани ҷиноят, сарчашмаи ошкор сохтани воқеаҳои ҷиноятӣ ё усули содиршавии онҳо хизмат намояд. Дар мурофиаи ҷиноятӣ донишҳои махсус ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳои касбӣ фаҳмида мешаванд, ки мутахассисон ва экспертҳо соҳиби онҳо буда, барои ҳалли масъалаҳое истифода мегарданд, ки нуқтаҳои назари илмӣ ё техникӣ талаб менамоянд.

Экспертизаи судӣ усули мурофиавии татбиқи донишҳои махсус ба ҳисоб рафта, дар асоси қарори муфаттиш гузаронида мешавад, ки зарурати таъйини онро муайян менамояд. Эксперте, ки таҳқиқотро анҷом медиҳад, мустақилона амал намуда, усулҳо ва воситаҳои махсусро истифода мебарад, ки ин объективияти хулосаи экспертизаро таъмин месозад. Ҳамаи масъалаҳои марбут ба таъйини экспертиза, аз ҷумла намуд, андоза ва шароити мурофиавии он, дар ихтиёри истисноии муфаттиш қарор доранд.

Дар парвандаҳо оид ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт масъалаҳои интихоби ихтисоси мувофиқи экспертӣ, интихоб намудани мавод барои таҳқиқот ва гузоштани саволҳои дурусту асосноки экспертӣ дорои мушкилоти махсус мебошанд.

Муҳити изии ҳодисаи роҳу нақлиётӣ зарурати таъйини маҷмӯи экспертизаҳои судиро пеш меорад, ки ба муайян намудани механизми ҳодиса, шиносоии иштирокчиёни он ва баҳодиҳии оқибатҳо равона шудаанд. Дар амалияи тафтиш экспертизаҳои автотехникӣ, биологӣ, дактилоскопӣ, трасологӣ ва тиббӣ, инчунин таҳқиқоти мавод, моддаҳо ва маснуот истифода мегарданд.

Таҳқиқоти экспертӣ байни муассисаҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ тақсим карда мешаванд: экспертизаҳои криминалистӣ ва техникӣ дар низоми Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд, дар ҳоле ки таҳқиқоти тиббӣ аз ҷониби муассисаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

Тактикаи таъйини экспертизаи судии автотехникӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

– ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ барои гузаронидани экспертизаи судии автотехникӣ, ки дар ҷараёни таҳқиқи ҷойи ҳодиса, инчунин тавассути пурсиши иштирокчиён ва шоҳидон ба даст оварда мешавад;

– қабули қарори мурофиавӣ оид ба таъйини экспертизаи судии автотехникӣ ва гузаронидани таҳқиқоти экспертӣ, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоте равона шудааст, ки динамика ва механизми ҳодисаи роҳу нақлиётиро инъикос мекунанд;

– баҳодиҳии интиқодии хулосаи эксперт аз ҷониби муфаттиш ва истифодаи минбаъдаи он ҳангоми ташаккули низоми далелҳо дар парвандаи ҷиноятӣ.

Экспертизаи комплексӣ дар парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ натиҷаи қонунии ҳамгироии донишҳои махсус аз соҳаҳои гуногуни илмӣ ва техникӣ ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад асоснокии қарорҳои мурофиавӣ ва самаранокии тафтиш баланд бардошта шавад. Чунин экспертиза ҳангоми омӯзиши равандҳо ва зуҳуроте истифода мегардад, ки имкониятҳои маърифатии мутахассис, муфаттиш ва судро ба таври назаррас васеъ менамоянд. Илова бар ин, омили муҳимми ташаккул ва рушди экспертизаи комплексӣ қобилияти он дар додани ҷавоб ба

саволҳое мебошад, ки ҳангоми гузаронидани намудҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ беҷавоб боқӣ мемонанд.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқ ва баррасии мавзуи мазкур, яъне усули тафтиши ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, диссертант ба хулосаҳои ниҳоии зерин омадааст:

1. Бехатарии ҳаракат ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар натиҷаи иштироки инсон ва воситаҳои нақлиёт дар раванди ҳаракат ташаккул ёфта, дараҷаи ҳифзи онҳо аз ҳолатҳои садамавӣ ва зарари аз онҳо бaамаломадаро инъикос мекунад. Ба сатҳи он сифати роҳҳои автомобилгард, ташкили ҳаракат ва интизоми иштирокчиёни ҳаракат таъсири мустақим мерасонанд [4-М].

2. Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо танҳо ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба миён меорад. Маҳз таҳдид ба ҳаёт ва саломатии инсон, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба вуҷуд меояд, чунин кирдорро ба ҷиноят табдил медиҳад. Аз ин рӯ, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро ба гурӯҳи ҷиноятҳое мансуб донад, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид мекунанд [2-М].

3. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракат дар роҳ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад, ки пеш аз ҳама дар хусусияти механизми кирдори ҷиноятӣ, ки аз сохтори воқеаҳои роҳу нақлиётӣ бармеояд, ифода меёбад [1-М].

4. Механизми содир намудани ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳҳо алоқаманданд, дар ташаккули тавсифи криминалистӣ нақши калидӣ дорад, зеро маҳз тавассути он қонуниятҳои ба вуҷуд омадани изҳо, рафтори иштирокчиён ва рушди ҳодиса ошкор мегарданд.

Механизми пайдоиши чунин ҳодисаҳо низоми динамикии амали якҷояи воситаҳои нақлиёт ва шаҳрвандон дар олами моддӣ (физикӣ, биологӣ ва ғайра) мебошад [5-М].

5. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки вазъияти содиршавии ҷиноят маҷмуи шароитҳоест, ки дар ҷойи ҳодиса ташаккул ёфта, сабаби асосии ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ мегарданд. Он вақт ва макони содиршавии ҷиноятро дар лаҳзаи мушаххас фаро гирифта, на ҳамеша аз иродаи иштирокчиёни ҳаракат вобаста мебошад.

Шахсияти ҷинояткор дар чунин ҷиноятҳо бо назардошти ҳолати равонӣ, синну сол, ҷинс, ҳолати мастӣ ё ҳушёрӣ, сатҳи касбият (таҷрибаи ронандагӣ), мавҷудияти шуури ахлоқӣ ё донишҳои ҳуқуқӣ ва дигар омилҳо муайян карда мешавад [2-М].

6. Сабабҳои асосии зиёд содир гардидани ҷиноятҳои таҳлилшаванда дар худбоварӣ ё майл ба намоишкорӣ, набудани донишҳои ҳуқуқӣ ё шуури баланди ахлоқӣ, истеъмоли машрубот ё дигар моводи масткунанда, тамоюлҳои номуносиб (махсусан дар байни ноболиғон), набудани таҷрибаи ронандагӣ, истифодаи воситаҳои нақлиёти номувофиқ ба талабот, идора намудани нақлиёт бидуни ҳуқуқи ронандагӣ, инчунин дидаю дониста вайронкунии қоидаҳои ҳаракат (манёвр ё пешгузарӣ, зиёд кардани суръат, боздошти нақлиёт дар ҷойҳои манъшуда, сарфи назар аз чароғаки роҳ, беэътиноӣ ба аломатҳои роҳ ва ғайра) ифода меёбанд [3-М].

7. Қабули қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти роҳу нақлиётӣ мавҷудияти маълумоти объективӣ дар бораи шахсе, ки воситаи нақлиётро идора кардааст, талаб менамояд. Ин маълумот бояд вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ё истифодаи нақлиёт, ба амал омадани оқибатҳои вазнин аз рӯйи беэҳтиётӣ дар шакли зарар ба саломатӣ ё марг, маълумот дар бораи ҷабрдидагон ва ҳолати ҷисмонии онҳо, инчунин робитаи сабабӣ байни амалҳои ронанда ва оқибати бавуҷудомадаро тасдиқ намояд [4-М].

8. Дар амал тафтиши ҷиноятҳои ин гурӯҳ аксаран бо пурра анҷом надодани амалҳои тафтишӣ, ба таври дахлдор анҷом надодани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, омодагии нокифоя ба пурсиш ва истифодаи маҳдуди воситаҳои техникии сабт тавсиф меёбад, ки ин самаранокии муайян намудани ҳолатҳои воқеа ва шахсияти гунаҳгорро ба таври ҷиддӣ коҳиш медиҳад.

Пешниҳод мегардад, ки тамоми маҷмуи вазифаҳо ба самтҳои зерин ҷудо карда шавад:

– аввал, ҳалли масъалаи муайян кардани тааллуқоти пайҳои автомобил;

– дуюм, барқарор намудани сохтори ягонаи ҳодиса аз рӯйи унсурҳои алоҳидаи он [4-М].

9. Истифодаи усулҳои тактикии ба намоиш гузоштани огоҳии муфаттиш метавонад ба гирифтани нишондодҳои боэътимод мусоидат намояд. Дар ҳолатҳое, ки гумонбар иддао мекунад идоракунии воситаи нақлиётро шахси дигар анҷом додааст, нишондодҳои ӯ бояд ба таври муфассал аниқ карда шуда, бо дигар далелҳои парванда муқоиса гарданд [5-М].

10. Ҳангоми гузаронидани экспертизаи трасологӣ риояи принсипҳои мустақилият, объективӣ ва эътимоднокӣ зарур мебошад.

Ҳамзамон бояд мансубияти гурӯҳӣ ва шиносоии объектҳои гуногун аз рӯйи изҳои боқимонда муайян карда шавад. Инчунин муайян намудани тааллуқ доштани қисмҳои алоҳида ба як объекти ягона барои ташхиси механизми ба вуҷуд омадани осеб ва шароити ташаккули он аҳаммияти калон дорад, хусусан дар ҳолатҳое, ки мансубияти изҳо ба ҳодиса, нишонаҳо ва хусусиятҳои объекти изгузор барои муайян намудани ҳолатҳои воқеаи ҷиноят истифода мешаванд [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт аҳаммияти махсус дошта, бо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷомеа зич алоқаманд мебошад. Садамаҳои нақлиётӣ дар баробари талафот дар ҳаёт ва саломатии одамон, ба иқтисодиёт, давлат ва шаҳрвандон зарари моддӣ мерасонанд. Бо дарназардошти ин, пешниҳод мегардад, ки «Консепсияи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад [2-М].

2. Бо назардошти хусусиятҳои субъекти ҷиноят ва навъи воситаи нақлиёт, тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи ҳаракат дар роҳ мумкин аст аз рӯи самтҳои зерин фарқгузорӣ карда шавад, аз ҷумла:

– ҷиноятҳои ҳаракати роҳ, ки аз ҷониби ронандагон дар ҳолати мастӣ содир мегарданд;

– ҷиноятҳои нақлиёти автомобилӣ, ки тавассути автобусҳои мусофирбар ва микроавтобусҳо содир шудаанд;

– ҷиноятҳои ҳаракати роҳ, ки тавассути мототсиклҳо содир мешаванд;

– ҷиноятҳои вобаста ба вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳ, ки аз ҷониби ноболиғон содир мешаванд [3-М].

3. Механизми содир намудани ҷиноятҳои вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт шартан метавонад ба чор марҳилаи мустақил ҷудо карда шавад:

– марҳилаи пеш аз садама (лаҳзаи ба вуҷуд омадани хавф барои иштирокчиёни ҳаракат);

– марҳилаи ба амал омадани садама (дарки воқеа аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни ҳаракат ва низоми идоракунии воситаи нақлиёт);

– марҳилаи рушди садама (муносибати иштирокчиён бо воситаи нақлиёт, ҳаракати он пас аз бархӯрд, расонидани ҷароҳат ба иштирокчиён ва осеб дидани воситаи нақлиёт);

– марҳилаи ниҳоӣ (ҷойгиршавии мутақобили иштирокчиёни ҳодиса пас аз пурра қатъ гардидани ҳама гуна ҳаракат) [6-М].

4. Низомноксозии маводҳои тафтиши ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ имкон медиҳад маҷмуи сабабҳо ва шароитҳои содиршавии онҳоро муайян намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин муттаҳид созем:

– вайрон намудани талабот нисбат ба ҳолат ва нигоҳдории объектҳои инфрасохтори роҳ;

– истифодаи воситаҳои нақлиёт дар ҳаракат, ки ба меъёрҳои муқарраршуда ҷавобгӯ нестанд;

– амалҳои беэҳтиётона ё хавфноки ҷабрдидагон;

– ҳолати мастии ҷабрдида ё ронанда;

– ташаккули худбоварии аз ҳад зиёд дар ронанда нисбат ба қобилияти идоракунии воситаи нақлиёт;

– камбудиҳои ташкили меҳнат ва истироҳати ронандагон;

– назорати нокифоя аз болои ҳолати техникӣ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [4-М].

5. Вобаста ба мавҷуд ё набудани иштирокчиён ва объектҳои калидии ҳодиса дар марҳилаи ибтидоии тафтиш чор гурӯҳи ҳолатҳои маъмулии тафтишии ибтидоӣ фарқ карда мешавад:

– ҳолати якум: муайян будани шахсияти ронанда, мавҷудияти воситаи нақлиёт ва ҷабрдида ё маълумоти боэътимод дар бораи онҳо;

– ҳолати дуюм: мавҷуд будани ҷабрдида ва набудани маълумот дар бораи ронанда ва воситаи нақлиёт;

– ҳолати сеюм: ошкор гардидани воситаи нақлиёт ва ҷабрдида ҳангоми набудани ронанда;

– ҳолати чорум: сатҳи баланди номуайянии иттилоотӣ, зеро дар ҷойи ҳодиса ҳамаи унсурҳои асосии воқеа мавҷуд нестанд [1-М].

6. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои роҳу нақлиётӣ ба ҳалли маҷмӯи вазифаҳои тафтишӣ равона гардидааст [4-М].

7. Вобаста ба манзараи изӣ вобаста ба парвандаҳои мазкур намудҳои дахлдори экспертизаҳои судӣ таъйин карда мешавад [2-М].

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]**. Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи криминалистикии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи

наќлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №5. – С. 273-277; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи ҳолатҳои садамавии роҳ ва намудҳои садамаҳои наќлиётӣ [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4 (48). – С. 161-165; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Масоили тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наќлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №2 (50). – С. 98-103; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Қодирзода, Д.С., Саидзода, Р.Ҳ. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наќлиёт [Матн] / Д.С. Қодирзода., Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №3 (67). – С. 30-38; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тактикаи пурсиши айбдоршаванда дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои наќлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №3 (39). – С. 262-1268; ISSN 2414- 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Баъзе аз хусусиятҳои тактикаи ташкил ва гузаронидани пурсиш вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи наќлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо»: маводи конференсияи байналмилалии илмї-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2022. – С. 401-410.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

На правах рукописи

**УКД:** 343.98:629.2(575.3)
**ББК:** 67.99(2) 94:39.808(2 таджик)
**С**-20



**САИДЗОДА РАДЖАБАЛИ ХОКИДЖОН**

# КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ МЕТОДИКИ РАССЛЕДОВАНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С НАРУШЕНИЕМ ПРАВИЛ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.12. Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Диссертация выполнена на кафедре криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета**

**Научный руководитель:** **Кодирзода Далер Сайфулло** – кандидат юридических наук, заведующий отделом Государственной службы контроля в сфере труда, миграции и занятости населения в г. Душанбе.

**Официальные оппоненты:** **Астанов Истам Рустамович** – доктор юридических наук, профессор, начальник кафедры «Криминалистика и судебной экспертизы» Правоохранительной академии Республики Узбекистан.

**Салимов Бахромжон Азизович** – кандидат юридических наук, замиститель руководителя Высшей школы Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан.

**Ведущая организация:** Межгосударственное образовательное учреждение высшего образования «Российско-Таджикский (Славянский) университет».

Защита диссертации состоится 11 июня 2026 г. в 14.00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-043 при Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан (734012, г. Душанбе, улица М. Мастонгулова, 3, зал Диссертационного совета Академии МВД РТ).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте https://avkd.tj/ru/ и в библиотеке Академии МВД Республики Таджикистан (734012, г. Душанбе, улица М. Мастонгулова, 3).

Автореферат разослан «___» ______ 2026 г.

**Учёный секретарь диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук, доцент** **Сафарзода Х.С.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Одной из наиболее острых социально-экономических задач в Республике Таджикистан (далее – РТ) остаётся обеспечение безопасности дорожного движения. Устойчивый рост числа транспортных средств в последние годы обусловил увеличение количества дорожно-транспортных происшествий как на автомагистралях, так и на улицах населённых пунктов, что влечёт за собой значительный физический и моральный вред, а в отдельных случаях: тяжёлые и необратимые последствия для жизни и здоровья людей.

Вместе с тем транспортная сфера занимает важное место в системе национальной экономики, оказывая существенное влияние на развитие смежных отраслей и уровень благосостояния населения. Особое значение в этом контексте имеют пассажирские перевозки, которые в совокупности формируют 66,8 % общего объёма перевозок в республике, при этом доминирующая доля: 54,4 % приходится на автомобильный транспорт.

В ходе проведения первой Всемирной конференции министров внутренних дел, посвящённой проблемам дорожной безопасности, была дана критическая оценка состоянию аварийности в стране, которое признано крайне неблагополучным и представляющим серьёзную угрозу общественной безопасности. По данным статистики, ежегодно во всём мире в дорожно-транспортных происшествиях погибает большое количество людей. Также было упомянуто, что ежегодно сотни детей становятся жертвами таких инцидентов. Несмотря на проводимую работу по снижению аварийности, проблема дорожно-транспортных происшествий в Таджикистане сохраняет актуальность. Рост числа высокоскоростных транспортных средств значительно осложняет дорожную обстановку. Кроме того, к факторам способствующие увеличению числа ДТП и тяжёлых травм у людей можно отнести рост числа грузовых и пассажирских транспортных средств, низкий уровень профессионализма водителей и ряд других.

Анализ официальной статистики показывает, что за последние годы дорожно-транспортный травматизм в стране приобрёл устойчиво высокий уровень: с 2018 года по июль 2024 года в авариях погибло более

6000 человек, из которых свыше 800 – дети. В среднем за сутки на дорогах фиксируется более девяти происшествий, приводящих к гибели нескольких человек и причинению телесных повреждений ещё нескольким участникам движения.

Согласно статистическим данным Министерстве внутренних дел РТ, «в 2018 году было зарегистрировано 2365 преступлений, в 2019 – 2721, в 2020 – 2613, в 2021 – 2991, в 2022 – 3021, в 2023 – 3312, а за шесть месяцев 2024 года – 1863 преступления, связанные с нарушением безопасности дорожного движения и использованием транспортных средств» [21].

Понятие преступлений против безопасности дорожного движения остаётся простым и однородным, что негативно влияет на квалификацию преступлений и увеличивает вероятность следственных и судебных ошибок.

Аспекты криминалистической характеристики рассматриваемых преступлений требуют теоретической проработки. Практика свидетельствует о том, что на первоначальном этапе уголовного судопроизводства продолжают возникать системные трудности, связанные с качеством и оперативностью процессуального реагирования на поступившую информацию о преступлении.

Наряду с этим не выработан единый и чёткий механизм взаимодействия между различными службами при проведении первичных следственных действий на месте происшествия, а также при организации и назначении судебных экспертиз. Вопросы, связанные с организационно-проверочным этапом и последующими стадиями расследования рассматриваемых преступлений, в том числе с составлением следственного плана, соответствующего фактическим обстоятельствам дела, продолжают оставаться дискуссионными в научной и практической среде.

Анализ практики расследования свидетельствует о значении тактически обоснованного проведения следственных действий с использованием специальных знаний.

Имеющиеся проблемы правоприменения обусловливают необходимость теоретического осмысления и совершенствования правового регулирования расследования преступлений, связанных с

нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств.

**Степень изученности научной темы.** В юридической и криминалистической литературе советского периода и периода независимости анализу вопросов расследования транспортных преступлений было выделено мало внимание. Отдельные аспекты расследования преступлений в сфере транспорта были предметом научных исследований отечественных учёных (Д.Д. Давлатов), Д.Д. Давлатзода [14], Дж.М. Зоир [2], З.Х. Искандаров [3], Д.С. Кодирзода [5], А.К. Назаров [9], Р.Х. Рахимзода [7], Х.С. Салимов [8] и зарубежных исследователей (Р.Ю. Ачмиз [12], Ю.Н. Багдасарян [13], В.Н. Герасимов [1], Е.В. Зубенко [15], А.Г. Колчурин [16], Ю.Г. Корухов [4], А.А. Косович [17], И.С. Лаврентьева [18], Т.А. Моховая [19], Д.А. Никитас [10], Е.А. Попов [20], Е.П. Ишенко [6], Н.П. Яблоков [11] и другие.

Указанные учёные заложили значительный вклад в изучение вопросов расследования преступлений, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств. Однако следует отметить, что в отраслевой литературе данную тему нельзя признать достаточно проанализированной. В данном направлении существует множество вопросов, требующих отдельного научного изучения. В полной мере не изучены все аспекты расследования транспортных преступлений, и они до сих пор остаются дискуссионными, требующими дальнейшего научного анализа.

Следует отметить, что в Республике Таджикистан до настоящего времени отсутствуют фундаментальные исследования, посвящённые вопросам расследования этих преступлений, их квалификации и путям совершенствования национального уголовного законодательства по данной проблеме.

Таким образом, расследование преступлений, связанных с нарушением правил дорожного движения и эксплуатации транспортных средств, является одной из актуальных проблем, требующей диссертационного исследования в современных условиях.

**Связь исследования с программами, либо научной тематикой.** Диссертационное исследование подготовлено в рамках научно-исследовательской деятельности кафедры криминалистики и судебной

экспертной деятельности юридического факультета Национального университета Таджикистана по теме «Проблемы теории и практики методики расследования преступлений против жизни на 2020–2025 годы».

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Цель исследования состоит в научном обосновании методических и тактических основ расследования преступлений, связанных с нарушением безопасности дорожного движения и эксплуатации транспортных средств, с учётом их криминалистических особенностей и потребностей правоприменительной практики.

Учитывая высокие цели исследования, определён широкий круг задач, теоретическое и практическое решение которых составляет основное содержание данной диссертации.

**Задачи исследования.** С учетом вышеупомянутых целей в рамках диссертации рассматриваются следующие задачи:

– общетеоретическое и криминалистическое исследование нарушений правил дорожного движения и использования транспортных средств;

– разработка научно обоснованной криминалистической характеристики преступлений, посягающих на безопасность дорожного движения и эксплуатацию транспортных средств;

– обоснование системы обстоятельств, имеющих доказательственное значение при расследовании преступлений рассматриваемой категории;

